# МУБОРИЗА БО КОРРУПСИЯ КОРИ ДАСТАҶАМЪОНА МЕБОШАД

Имрӯз дар бинои Раёсати ДДБ ба номи Носири Хусрав аз ҷониби Давлатзод Собирҷон Ғафор ва Талабшо Латифзода, намояндагони Раёсати Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон сӯҳбат-вохӯрӣ бо муовинони ректор, деканони факултетҳо ва сардорони шуъбаҳои донишгоҳ дар мавзӯи «Моҳият, мазмун ва аҳамияти «Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» баргузор гардид.

Дар вохӯрӣ Собирҷон Давлатзод, кормандони Раёсати Агентӣ дар вилояти Хатлон маърӯза намуда, таъкид доштанд, ки «Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» барномаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти муқовимат ба коррупсия ба ҳисоб рафта, дар ҳамкорӣ бо мақомоти давлатӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ташкилоти байналмилалӣ амалӣ карда мешавад.

Дар охири вохӯрӣ кормандони донишгоҳ ба саволҳои худ посух гирифта, аз ҷониби Давлатзода Сайфиддин Хайридиддин, ректори донишгоҳ ба меҳмонон изҳори миннатдорӣ барои ҳамкорӣ карда шуд.

Маркази таҳлилӣ-иттилоотӣ


давлати
ва дунявӣ аст.








220 V



